# Довуд 4



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




II ПОДШОҲОН 12:20-31






II ПОДШОҲОН 13:1-14


БИРАВ. АЗ ҲУҶРАИ МАН ДАФЪ ШАВ!
НЕ, МАРО БАДАР РОНДАНАТ АЗ ОН ЧИ ҲОЛО БО МАН КАРДӢ, БАДТАР АСТ.
ХИЗМАТГОРОН – ИН ЗАНРО ГИРИФТА АЗ ИН ҶО БАРЕД – ДАРҲОЛ!
Ӯ РОСТ БА НАЗДИ БАРОДАРАШ АБШОЛӮМ РАФТ.
ЭЙ ХОҲАРАМ, БО ТУ ЧӢ РӮЙ ДОД – ВА ЧАРО ЛИБОСИ ШОҲОНАИ ТУ ДАРИДААСТ?
БАРОДАРАМОН АМНӮН БА НОМУСИ МАН ТАҶОВУЗ КАРД.
ПОДШОҲ ДОВУД ИН ВОҚЕАРО ШУНИДА, ХАШМГИН ШУД … АММО КОРЕ НАКАРД, ТО АМНӮНРО БАРОИ ИН ҶИНОЯТ ҶАЗО ДИҲАД.
АММО АБШОЛӮМ НАҚШАИ ДИГАР ДОШТ …
ХОМӮШ БОШ, ЭЙ ХОҲАРАМ … АКНУН ДАР ХОНАИ МАН ЗЕРИ ҲИМОЯТИ МАН ЗИНДАГӢ МЕКУНӢ.
БАЪД АЗ ДУ СОЛ, ҲАНГОМЕ КИ ПИСАРОНИ ПОДШОҲ БАРОИ ЗИЁФАТ ҶАМЪ ШУДА БУДАНД, АБШОЛӮМ ҚАСОСИ ХУДРО ГИРИФТ.
АКНУН АБШОЛӮМ ҚАСОСИ ХУДРО ГИРИФТ.
ХОҲАРИ Ӯ ТОМОР НИЗ.
АБШОЛӮМ АМНӮНРО КУШТ – ВА БАЪД БА ГУРЕХТА, БА ҶАШУР РАФТ – ВА СЕ СОЛ ДАР ОН ҶО МОНД.


ЮОБ, САРЛАШКАРИ ПОДШОҲ, ПАЙХАС НАМУД, КИ ДИЛИ ПОДШОҲ БА АБШОЛӮМ МОИЛ АСТ.
АЗ ҲАМИН САБАБ Ӯ ЗАНИ ЗИРАКЕРО ВОДОР НАМУД БА ПОДШОҲ ҚИССАЕРО ДАР БОРАИ ДУ ПИСАР НАҚЛ КУНАД.
ЧУНИН БИГӮЙ… ВА ОН ГОҲ АЛБАТТА ДИҚҚАТИ ПОДШОҲРО ҶАЛБ МЕКУНӢ.
ОН ГОҲ ПОДШОҲ АЗ РАЪЯШ ГАШТА, БА ПИСАРАШ АБШОЛӮМ ИҶОЗАТ МЕДИҲАД, КИ БАРГАРДАД.
ОЁ ДАР ПАСИ ҲАМАИ ИН ҚИССА ДАСТИ ЮОБ НЕСТ? Ӯ ИМКОНИЯТ МЕҶӮЯД ВАЗЪИЯТРО БО ПИСАРАМ АБШОЛӮМ ТАҒЙИР ДИҲАД?
ҲАҚИҚАТАН, ҲЕҶ ЧИЗ АЗ ДИҚҚАТИ ПОДШОҲ ДУР БУДА НАМЕТАВОНАД – ХИРАДИ ШУМО АЗ ҶОНИБИ ХУДОСТ.
ХУБ, ЮОБРО ДАЪВАТ КУНЕД.
ИҶОЗАТ МЕДИҲАМ, КИ ПИСАРАМ АБШОЛӮМРО БИЁРӢ, АММО Ӯ БОЯД ДАР ХОНААШ БИМОНАД.
ИМРӮЗ МЕДОНАМ, КИ ДАР НАЗАРИ ТУ ИЛТИФОТ ЁФТААМ, ЧУНКИ ТУ МУВОФИҚИ СУХАНИ МАН АМАЛ НАМУДӢ.
ҲА – АММО Ӯ БОЯД РӮИ МАРО НАБИНАД.
ҲАМИН ТАВР АБШОЛӮМ БА УРШАЛИМ БАРГАШТ – АГАРЧИ БАРОДАРИ ХУДРО КУШТА БУД. Ӯ ДАР ТАМОМИ ИСРОИЛ АЗ БОИСИ ЗЕБОЙ ЛОИҚИ ТАҲСИН БУД.




II ПОДШОҲОН 15:1-12


ҲАНГОМЕ КИ ХАБАР ДАР БОРАИ СУИҚАСД ВА ИСЁН БА ГӮШИ ДОВУД РАСИД, Ӯ ВА МАЪМУРОНАШ НАҚШАИ ГУРЕХТАН АЗ ШАҲРРО КАШИДАНД.
ХОДИМОНАТ ТАЙЁРАНД ҲАР ЧИ ПОДШОҲ ФАРМОЯД, ИҶРО КУНАНД.
ВАФОДОРИИ ШУМО ДАР ИН ЛАҲЗАҲО БЕБАҲОСТ – ФАҚАТ ДАҲ ЗАНРО, КИ СУРРИЯГОН БУДАНД, БАРОИ НИГОҲУБИНИ ХОНА МОНЕД.
ҲАЗРАТАМ, ПОДШОҲ.
ИТТОЙ, ПОСБОНИ ВАФОДОРИ МАН, ЧАРО ТУ НИЗ БО САРБОЗОНАТ ҲАМРОҲИ МО МЕОЙ? ТУ АҶНАБӢ ҲАСТӢ, ВА БА ҚАРИБӢ АЗ ВАТАНИ ХУД ОМАДАӢ.
ҲАР ҶОЕ КИ ХОҲААМ ПОДШОҲ БОШАД, МО ДАР ОН ҶО ХОҲЕМ БУД -- ХОҲ ДАР МАРГ ВА ХОҲ ДАР ҲАЁТ.
ҲАНГОМЕ МАРДУМ ДИДАНД, КИ ДОВУД ВА САНДУҚИ АҲД ШАҲРРО ТАРК МЕКУНАНД, БО ОВОЗИ БАЛАНД ГИРЯ КАРДАНД.
ДОВУД ВА ДАСТААШ БА СӮИ КӮҲИ ЗАЙТУН РАВОНА ШУДАНД.


САНДУҚИ ХУДОРО БА ШАҲР БАРГАРДОН. АГАР МАН ДАР НАЗАРИ ХУДО ИЛТИФОТ ЁБАМ, Ӯ МАРО ХОҲАД БАРГАРДОНИД, ВА ОНРО, ВА МАНЗИЛИ ОНРО БА МАН НИШОН ХОҲАД ДОД.
ҲУШОЙ, ДӮСТАМ, ТУ БОТИЛ ГАРДОНДАНИ МАСЛИҲАТҲОЕ КИ АҲИТӮФАЛ БА АБШОЛӮМ МЕДИҲАД, БА МАН ХИЗМАТ КАРДА МЕТАВОНӢ.
ЛУТФАН, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, МАШВАРАТИ АҲИТӮФАЛРО БОТИЛ НАМО!
ПАС АЗ ОН КИ КИ ДОВУД АЗ ҚУЛЛА АНДАКЕ ДУР РАФТ, СИБОРО ВОХӮРД, КИ НАВКАРИ МЕФИБӮШЕТ, ПИСАРИ ЮНОТОН ВА НАБЕРАИ ШОУЛ БУД.
ИН ЧИЗҲОРО БАРОИ ЧӢ ОВАРДАЙ?
ХАРҲО БАРОИ САВОР ШУДАНИ АҲЛИ ХОНАИ ПОДШОҲ АСТ, ВА НОНУ АНҶИР БАРОИ ХӮРДАНИ НАВКАРОН, ВА ШАРОБ БАРОИ НӮШИДАНИ ОНҲОЕ КИ ДАР БИЁБОН ХАСТА ШУДААНД.
ХОҶАИ ТУ МЕФИБӮШЕТ КУҶОСТ?
ВАЙ ДАР УРШАЛИМ МОНД, ЗЕРО ГУМОН МЕКУНАД, КИ АКНУН ИСРОИЛИЁН ПОДШОҲИРО БА Ӯ БАРМЕГАРДОНАНД.
АКНУН ҲАР ОН ЧИ МЕФИБӮШЕТ ДОРАД, АЗ ОНИ ТУСТ.
МАН БО ФУРӮТАНӢ САҶДА МЕКУНАМ -- КОШКИ ДАР НАЗАРАТ ИЛТИФОТ ЁБАМ, ЭЙ ХОҶААМ ПОДШОҲ!».


АММО НА ҲАМА ЧУНИН МЕҲИСОБИДАНД.
ДАФЪ ШАВ, ЭЙ ОДАМКУШ ВА НОБАКОР!
БАРОИ ҲАМАИ ОН ХУН, КИ ТУ РЕХТАӢ, ХУДО ТУРО САЗО ДОДА, ГИРИФТОРИ ФАЛОКАТ КАРДААСТ!
ЧАРО ИН САГИ МУРДА ХОҶААМ ПОДШОҲРО ДАШНОМ ДИҲАД? ИҶОЗАТ БИДЕҲ, ТО КИ РАФТА, САРАШРО АЗ ТАНАШ ҶУДО КУНАМ.
ЭҲТИМОЛ, ПАРВАРДИГОР БА ВАЙ ФАРМУДААСТ, КИ МАРО ДАШНОМ ДИҲАД.
АБШОЛӮМ, ПИСАРИ МАН, КИ АЗ КАМАРАМ РӮИДААСТ, ҚАСДИ ҶОНИ МАН ДОРАД, ПАС ХУСУСАН АЗ БИНЁМИНӢ ЧӢ ҶОИ ГИЛА АСТ.
БИГЗОР ЗИНДА МОНАД.
ШОЯД, ХУДО ХОРИИ МАРО БИНАД, ВА ДАР БАДАЛИ ДАШНОМИ ИМРӮЗАИ ВАЙ БА МАН ПОДОШИ НЕКЕ ДИҲАД.


ЗИНДА БОД ПОДШОҲ!
ОЁ САДОҚАТИ ТУ БА ДӮСТАТ ҲАМИН АСТ? ЧАРО БО ПОДШОҲИ ХУД НАРАФТӢ?
АҲИТӮФАЛ БОБОИ БАТШОБАЪ БУД, ВА, ШОЯД, ИН ВАҚТРО ФУРСАТЕ БАРОИ ҚАСОСГИРӢ АЗ ДОВУД ҲИСОБИД.
ӮРО ХЕЛЕ ЭҲТИРОМ МЕКАРДАНД ВА МАСЛИҲАТҲОИ Ӯ ЧУНОН ДУРУСТ БУДАНД, КИ ОДАМОН СУХАНОНИ ӮРО ЧУН «СУХАНОНИ ХУДО» МЕҲИСОБИДАНД.
МАН БА КАСЕ ХИЗМАТ МЕКУНАМ, КИ МАРДУМ ӮРО ИНТИХОБ КАРДААНД. ЧУНОН КИ БА ПАДАРИ ТУ ХИЗМАТ КАРДААМ, ОНЧУНОН БА ТУ ХИЗМАТ МЕКУНАМ.
ЗИНДА БОД ПОДШОҲ!
ЧӢ МАСЛИҲАТ МЕДИҲӢ?
БА ФИКРАМ, ПОДШОҲИИ ӮРО ГИРИФТА, МАН АЛЛАКАЙ ЧУНИН КАРДААМ.
БАРОИ ПАДАРАТ НАФРАТАНГЕЗ ШАВ -- ИН ҲАМАИ ОНҲОЕРО, КИ КИ ҲАМРОҲИ ТУ ҲАСТАНД, ҚАВӢ МЕГАРДОНАД.






II ПОДШОҲОН 16:21-23


АКНУН, КИ ПАДАРАТ АЗ ҲОЛ РАФТААСТ, ҲУҶУМ КУН!
ҲАМЛА КАРДА, ӮРО ЗАРБА ЗАН, ВА ТАМОМИ ҚАВМЕ КИ БО Ӯ ҲАСТАНД, МЕГУРЕЗАНД.
ХЕЛЕ ХУБ. ОН ГОҲ ПОДШОҲӢ ДАР ДАСТОНИ ПОДШОҲ УСТУВОР ХОҲАД БУД.
МАСЛИҲАТИ ХУБ, АММО МАН МЕХОҲАМ ШУНАВАМ, КИ ҲУШОЙИ АРКӢ ЧӢ МЕГӮЯД.
ТУ ЧӢ ФИКР ДОРӢ?
ПАДАРИ ТУ ВА ОДАМОНАШ – ҶАНГОВАРОНИ БОТАҶРИБА МЕБОШАНД.
ОНҲО ЧУН ХИРСҲОЕ ҲАСТАНД, КИ АЗ БАЧАҲОЯШОН МАҲРУМ ШУДА БОШАНД.
ИЛОВА БА ИН, ПАДАРАТ ХИРАДМАНД ВА ҶАНГОЗМУДА АСТ, ВА ШАБ ДАР МИЁНИ ҚАВМ ХОБ НАМЕРАВАД. ҲАТТО ҲОЗИР Ӯ ДАР ЯГОН ҒОР Ё ҶОИ ДИГАР ПИНҲОН ШУДААСТ.
АГАР ҲАНГОМИ ҲУҶУМ КАСЕ АЗ САРБОЗОНИ ТУ ҲАЛОК ШАВАД, ОДАМОН ШУНИДА, МЕГӮЯНД: "ҚАВМЕ КИ БО АБШОЛӮМ ҲАСТАНД, ШИКАСТ ХӮРДААНД".
МАСЛИҲАТИ МАН ИН АСТ, КИ ТАМОМИ ИСРОИЛРО, КИ ЧУН РЕГИ СОҲИЛИ ДАРЁ СЕРШУМОРАНД, ҶАМЪ КУН.
БАЪД ТУ ОНҲОРО БА МУҲОРИБА МЕБАРӢ ВА БА МУҚОБИЛИ ДОВУД ВА ОДАМОНАШ ҲУҶУМ МЕКУНӢ -- ЧУН ШАБНАМЕ КИ БАР ЗАМИН МЕРЕЗАД.
МАСЛИҲАТИ ТУ ХУБ АСТ, МАН БА ОН ПАЙРАВӢ МЕКУНАМ.
ҲАНГОМЕ АҲИТӮФАЛ ДИД, КИ МАСЛИҲАТИ ӮРО САРФИ НАЗАР КАРДАНД, БА ХОНААШ РАФТ ВА ХУДРО ОВЕХТА КУШТ.
ҲУШОЙ БА КОҲИНОН СОДӮҚ ВА АБЁТОР ВОХӮРД.
БА ДОВУД ХАБАР ДОДА, ГӮЕД: "ДАР СОҲИЛИ УРДУН НАИСТ, БАЛКИ ҲАТМАН АЗ ОН ГУЗАР".
ВА БОЗ ГӮЕД, КИ АБШОЛӮМ ЗИДДИ Ӯ ЛАШКАРИ ЗИЁДЕ ҶАМЪ МЕКУНАД.


ОН ЧИ ҲУШОЙ ВА АБШОЛӮМ МАСЛИҲАТ ДОД, БА ДОВУД ВАҚТ ДОД, КИ ЛАШКАРАШРО АЗ НАВ ГУРӮҲБАНДӢ КУНАД.
Ӯ САРБОЗОНАШРО ДАР СЕ ДАСТА БО САРДОРИИ ЮОБ, АБИШОЙ ВА ИТТОЙИ ҶАТТӢ, КИ БА Ӯ ВАФОДОР БУД, РАВОНА КАРД.
ВА Ӯ БА САРЛАШКАРОН ВА САРБОЗОН ДАСТУРИ АНИҚ ДОД …
БА ХОТИРИ МАН БО АБШОЛӮМИ ҶАВОН МУНОСОБАТИ НАРМ НАМОЕД.
МАН НИЗ БО ШУМО БА МУҲОРИБА МЕРАВАМ.
НЕ – ТУ МИСЛИ ДАҲ ҲАЗОРИ МО ҲАСТӢ. ҲАТТО АГАР НИСФИ МО БИМИРЕМ, БА ИН АҲАМИЯТ НАМЕДИҲАНД. ОНҲО ТАНҲО ТУРО НОБУД КАРДАН МЕХОҲАНД.
МУҲОРИБА ДАР ҶАНГАЛИ ЭФРОИМ БА АМАЛ ОМАД. ДАР ОН РӮЗ БИСТ ҲАЗОР НАФАР ТАЛАФ ГАРДИДАНД ВА САРБОЗОН АЗ ҶАНГАЛ БЕШТАР ТАЛАФ ГАРДИДАНД, НАЗАР БА ОН КИ АЗ ШАМШЕР ТАЛАФ ГАРДИДАНД.
ВА АБШОЛӮМ ТАСОДУФАН БА НАВКАРОНИ ДОВУД ДУЧОР ОМАД.


???
ИН РОСТ АСТ – ПИСАРИ ПОДШОҲ ДАР ҶАНГАЛ БО МӮЙҲОЯШ МУАЛЛАҚ АСТ.
ЧӢ?! ВА ТУ ӮРО НАКУШТӢ?
АГАР БА МАН ҲАТТО ҲАЗОР СИҚЛ НУҚРА МЕДОДАНД, БА ПИСАРИ ПОДШОҲ ДАСТ ДАРОЗ НАМЕКАРДАМ.
ТУ ВА ҲАМАИ МО ФАРМОНИ ПОДШОҲРО ШУНИДАЕМ.
АГАР МАН ЧУНИН МЕКАРДАМ, ТУ ВОНАМУД МЕКАРДӢ, КИ ҲЕҶ ГОҲ МАРО НАМЕШИНОХТӢ.
МАН ВАҚТРО БО ТУ САРФ КАРДАНӢ НЕСТАМ!
АНА ОН ЧИ БО КАСОНЕ РӮЙ МЕДИҲАД, КИ ЗИДДИ ПОДШОҲ ИСЁН МЕКУНАНД.
БОВАРӢ ҲОСИЛ КУНЕД, КИ Ӯ МУРДААСТ.






II ПОДШОҲОН 18:19-25


ИНАК, БОЗ ҚОСИДЕ ДАВИДА МЕОЯД!
ЭҲТИМОЛ, ИН НИЗ ХАБАРИ НЕКЕ МЕОВАРАД.
ҚОСИДИ ЯКУМ БА АҲИМААС МОНАНД АСТ.
ИН ШАХСИ ХУБ АСТ, ВА МУЖДАИ ХУБ МЕОВАРАД.
ҲАМААШ ХУБ АСТ!
ХУДО КАСОНЕРО, КИ БА ЗИДДИ ХОҶААМ ПОДШОҲ ДАСТ БАРДОШТА БУДАНД, ТАСЛИМ НАМУД.
ОЁ АБШОЛӮМИ ҶАВОН САЛОМАТ АСТ?
ВАҚТЕ КИ БО МУЖДА БАРОИ ПОДШОҲ ДАВИДАМ, ИЗДИҲОМИ БУЗУРГЕ ДИДАМ, ВАЛЕ НАДОНИСТАМ, КИ ЧӢ БУД.
ИН ҶО БИИСТ.
ХОҶААМ ПОДШОҲ, МУЖДАРО БИШНАВ.
ПАРВАРДИГОР ИМРӮЗ ТУРО АЗ ДАСТИ ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ БАР ЗИДДИ ТУ БАРХОСТА БУДАНД, РАҲОЙ ДОДААСТ.
ОЁ АБШОЛӮМИ ҶАВОН САЛОМАТ АСТ?
ДУШМАНОНИ ХОҶААМ ПОДШОҲ ВА ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ БАР ТУ БАРОИ БАДӢ БАРМЕХЕЗАНД, МИСЛИ ОН ҶАВОН БИШАВАНД!


ВОЙ ПИСАРАМ, АБШОЛӮМ!
КОШКИ МАН БА ҶОИ ТУ МЕМУРДАМ, ПИСАРАМ!
ТУ ҲАМАИ ОНҲОЕРО, КИ ИМРӮЗ ҶОНИ ХУДРО БА ХАТАР ГУЗОШТА, ТУРО ВА ТАМОМИ АҲЛИ ОИЛААТРО ХАЛОСӢ ДОДАНД, ХИҶИЛ КАРДӢ.
ТУ БАДХОҲОНАТРО ДӮСТ МЕДОРӢ ВА АЗ ДӮСТОНАТ НАФРАТ ДОРӢ.
МАН ДОНИСТАМ, КИ АГАР АБШОЛӮМ ЗИНДА МЕМОНД, ВА ҲАМАИ МО ИМРӮЗ МЕМУРДЕМ, ИН БА НАЗАРИ ТУ ПИСАНД МЕОМАД!
МАН ҚАСАМ МЕХӮРАМ, КИАГАР БЕРУН НАОӢ ВА ОДАМОНАТРО РӮҲБАЛАНД НАКУНӢ, ИМШАБ НАЗДИ ТУ ЯК НАФАР ҲАМ НАМЕМОНАД.
ИН АЗ ҲАМАИ ФАЛОКАТҲОЕ КИ АЗ НАВРАСИАТ ТО ҲОЛО БА САРИ ТУ ОМАДААСТ, БАДТАР МЕШАВАД.
ИНАК, ПОДШОҲ НАЗДИ ДАРВОЗА НИШАСТААСТ.
ПОДШОҲ МЕДОНАД, КИ МО БАРОИ Ӯ МАРДОНАВОР ҶАНГИДЕМ.


ҲАМИН ТАРИҚ, ПАС АЗ ШИКАСТ ХӮРДАНИ АБШОЛӮМ, ДОВУД ВА ЛАШКАРАШ ДАР РОҲ БА УРШАЛИМ АЗ ДАРЁИ УРДУН ГУЗАШТАНД.
Ӯ БА ШИМЪӢ, КИ ДАШНОМАШ ДОДА БУД, ВА БА МЕФИБӮШЕТ, ПИСАРИ ЮНОТОН МАРҲАМАТ НАМУД.
ИНАК БАРЗИЛОЙ, КИ ОДАМОНИ МОРО ТАЪМИН МЕНАМУД.
ДӮСТИ АЗИЗ, БО МАН АЗ УРДУН ГУЗАР ВА МАН ТУРО ДАР УРШАЛИМ ДАР ТАЪМИНОТИ ХУД НИГОҲ ХОҲАМ ДОШТ.
МАН ҲАШТОДСОЛА ҲАСТАМ ВА ТАЪМИ ОН ЧИРО, КИ МЕХӮРАМ ВА МЕНӮШАМ, ҲИС НАМЕКУНАМ ВА НИЗ САДОҲОРО НАМЕФАҲМАМ. ЧАРО БА ТУ ВАЗНИНӢ КУНАМ?
МАН МЕХОҲАМ ДАР НАЗДИ ПАДАРУ МОДАРАМ ДАФН КАРДА ШАВАМ, АММО ЯК ҚИСМИ РОҲРО БО ТУ ТАЙ МЕКУНАМ.
БУБИНЕД – ИНАК ТАМОМИ МАРДУМИ ИСРОИЛ НАЗДИ ПОДШОҲ МЕОЯНД.


АЗ ЧӢ САБАБ МАРДУМИ ЯҲУДО ПОДШОҲ ВА ХОНАДОНАШРО ДУЗДИДААНД, ТО КИ АЗ УРДУН ГУЗАРОНАНД?
ОЁ МО ДАР БОРАИ БАРГАРДОНИДАНИ ПОДШОҲИ ХУД АВВАЛИН ШУДА СУХАН НАРОНДЕМ? МО ЧУН ДАҲ ҚАБИЛА ДАР ПОДШОҲ ДАҲ ҲИССА ДОРЕМ.
ПОДШОҲ ХЕШОВАНДИ МОСТ ВА МО АЗ Ӯ БАРОИ ХУД ЧИЗЕ НАГИРИФТАЕМ!
БА ХАЙМАҲОИ ХУД РАВЕД, ЭЙ ИСРОИЛ -- МОРО ДАР ДОВУД ҲИССАЕ НЕСТ! ДАР ПИСАРИ ЙИСОЙ МОРО НАСИБЕ НЕСТ!
СУРРИЯГОНЕ КИ БО АБШОЛӮМ ХОБИДА БУДАНД, ДАР ДАР БАНДИХОНА ҶОЙ ДОДА МЕШАВАНД.
ОНҲО ҲАМАТАРАФА ТАЪМИН КАРДА МЕШАВАНД, ВАЛЕ ТО ВАҚТИ МАРГАШОН ЧУН БЕВАҲО ЗИНДАГӢ ХОҲАНД КАРД.
АМОСО , МАРДУМИ ЯҲУДОРО НАЗДИ МАН ДАЪВАТ НАМО, ВА ХУДАТ НИЗ ҲОЗИР ШАВ. МО ДАР ИН СЕ РӮЗ ШЕБАЪИ ИСЁНКОРРО ТАЪҚИБ МЕКУНЕМ.


АБИШОЙ – ЮОБ ВА БЕҲТАРИН САРБОЗОНРО БО ХУД БАР. АМОСО АЗ СЕ РӮЗ ЗИЁДТАР ТАЪХИР НАМУД.
ШЕБАЪРО ТАЪҚИБ КАРДА ДАСТГИР НАМО, МАБОДО ВАЙ БАРОИ ХУД ШАҲРҲОИ ДЕВОРДОРЕ ПАЙДО КАРДА, БЕШ АЗ АБШОЛӮМ БА МО ЗАРАР РАСОНАД.
НИҲОЯТ, АМОСО БО ЛАШКАРАШ ОМАД.
БО АСПҲО ВА САРБОЗОН ИН ҶО БИМОНЕД, МАН БО АМОСО ГАП МЕЗАНАМ.
АМОСО, МАН БОЯД БО ТУ ДАР АЛОҲИДАГӢ ГУФТУГӮ КУНАМ… МАН БАРОЯТ ПАЁМЕ ДОРАМ…
УУУУҲХХ
ВЖИК
ОМОДА ШАВЕД – ВА МО ШЕБАЪРО МЕЁБЕМ.
ҲАР КӢ ЮОБРО ХОҲОН АСТ, ВА ҲАР КӢ БА ДОВУД СОДИҚ АСТ, АЗ ПАЙИ ЮОБ БИРАВАД!


САРЛАШКАР ЮОБ ВА САРЛАШКАР АБИШОЙ – ҲАМА ДАР ҶОЙҲОИ ХУД МЕБОШАНД. МАРДУМИ ЗАБУЛУН ИНТИЗОРАНД, КИ ТО ОХИРИ РӮЗ ДАРВОЗА КУШОДА МЕШАВАД.
СОКИНОНИ ОБИЛ-БАЙТ-МААКО БАРОИ ПИНҲОН КАРДАНИ ШЕБАЪ ҶАЗО ДОДА МЕШАВАНД.
СУХАНОНИ КАНИЗАТРО БИШНАВ.
МАН МЕШУНАВАМ.
ШАҲРИ МО МОДАРИ ШАҲРҲОИ ИСРОИЛ АСТ. МАРДУМИ СУЛҲҶӮ ВА АМИНРО НОБУД КАРДАН ЧӢ ДАРКОР АСТ?
ҲОШО, КИ МАН ХАРОБ КУНАМ Ё НОБУД НАМОЯМ. АММО ШУМО ШЕБАЪ ПИСАРИ БИКРИРО, КИ БА ПОДШОҲ ДОВУД ДАСТИ ДУШМАНӢ ДАРОЗ КАРДААСТ, ПАНОҲ ДОДАЕД.
ӮРО БИСУПОРЕД, ВА МАН АҚИБ ХОҲАМ ГАШТ.
МО САРИ ӮРО АЗ БОЛОИ ДЕВОР НАЗДИ ТУ МЕПАРТОЕМ.
ШАЙПУР НАВОЗЕД ВА МАНҶАНИҚРО АҚИБ КАШЕД. МО БАРМЕГАРДЕМ.


ДАР ЗАМОНИ ПОДШОҲИИ ДОВУД СЕ СОЛ ПАЙИҲАМ ХУШКСОЛӢ ШУД.
ВА ПОДШОҲ АЗ ПАРВАРДИГОР САБАБИ ИНРО ПУРСИД.
ХУДО БА МАН ОШКОР НАМУД, КИ ХАЛҚИ МО АЗ БОИСИ ШОУЛ ВА ХОНАДОНИ ХУНРЕЗИ Ӯ, КИ ҶИБЪӮНИЁНРО КУШТА БУД, ДАР АЗОБ АСТ.
ЮШАЪ ИБНИ НУН БА ШУМО ВАЪДА ДОДА БУД, АММО ШОУЛ КӮШИШ МЕКАРД ШУМОРО НЕСТУ НОБУД НАМОЯД…
БА МАН БИГӮЕД – МО ЧӢ ТАВР МЕТАВОНЕМ ЗАРАРИ БА ШУМО РАСОНИДАШУДАРО ҶУБРОН НАМОЕМ ВА ИН НАНГРО АЗ КИШВАРАМОН ДУР КУНЕМ?
АЗ ШОУЛ ВА ХОНАДОНАШ НУҚРА ВА ТИЛЛО ТАЛАБ НАДОРЕМ -- ВА МОРО ЛОЗИМ НЕСТ, КИ КАСЕ ДАР ИСРОИЛ КУШТА ШАВАД.
ЧӢ МЕХОҲЕД, КИ БАРОЯТОН КУНАМ?
ҲАФТ НАФАРРО АЗ ФАРЗАНДОНИ ШОУЛ БА МО СУПОР, ВА МО ОНҲОРО БАРОИ ПАРВАРДИГОР ДАР ҶИБЪО БА ДОР МЕКАШЕМ.
БИГУЗОР ЧУНИН ШАВАД.
ҶИБЪӮНИЁН ИН ҲАФТ НАФАРРО БАР КӮҲ БА ДОР КАШИДАНД. ПАНҶТОИ ОНҲО ПИСАРОНИ МЕРАБ ДУХТАРИ ШОУЛ, ДУТОИ ОНҲО ПИСАРИ РИСФОИ СУРРИЯИ Ӯ БУДАНД.


АММО СУРРИЯИ ШОУЛ, РИСФО, РӮЗУ ШАБ НАЗДИ ҶАСАДҲО БУД.
Ӯ НАМЕГУЗОШТ, КИ ПАРАНДАҲО ВА ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ БА ҶАСАДҲОИ ИН ҲАФТ НАФАР НАЗДИК ШАВАНД.
БА ДОВУД ОН ЧИРО, КИ РИСФОИ СУРРИЯИ ШОУЛ КАРДА БУД, ХАБАР ДОДАНД.
УСТУХОНҲОИ ИН ОДАМОНРО БО УСТУХОНҲОИ ШОУЛ ВА ЮНОТОН, КИ МАРДУМИ ЁБИШ-ҶИЛЪОД ДАЛЕРОНА АЗ ФАЛИШТИЁН ГИРИФТА БУДАНД, ҶАМЪ КУНЕД.
ВА ОНҲО УСТУХОНҲОИ ИН ОДАМОНРО БО УСТУХОНҲОИ ШОУЛ ВА ЮНОТОН ДАР МАҚБАРАИ ПАДАРАШ ҚИШ ДАФН КАРДАНД.
БАЪД АЗ ОН ХУДО БА ДУОҲО ДАР ХУСУСИ ЗАМИН ҶАВОБ ДОД.




II ПОДШОҲОН 21:15-17


СИБКОИ ҲУШОТӢ САФРО, КИ АЗ АВЛОДИ РОФО БУД, ДАР ҶАНГЕ ДАР ҶУБ КУШТ.
ОНҲО БО ДИГАР АЗИМҶУССА НИЗ РӮ БА РӮ ШУДАНД, КИ АЗ ҶАТ БУДА, ҲАМЧУНИН ҶОЛИЁТ НОМ ДОШТ.
АГАРЧИ ДАСТАИ НАЙЗАИ Ӯ ЧУН НАВАРДИ БОФАНДАГӢ БУД, САРБОЗЕ АЗ БАЙТ-ЛАҲМ ДАР ҶАНЧИ ТАН БА ТАН ӮРО МАҒЛУБ НАМУД.
ДАР САРЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН ОНҲО БО АЗИМҶУССАЕ РӮ БА РӮ ШУДАНД, КИ ДАСТУ ПОЙҲОЯШ ҲАР ЯКЕ ШАШ АНГУШТ ДОШТ.
ЮНОТОН, БАРОДАРЗОДАИ ДОВУД, БО Ӯ ҶАНГИД.
ҲАМАИ ИН АЗИМҶУССАҲОРО ОДАМОНИ ДОВУД КУШТАНД.


СӢ НАФАР АЗ САРБОЗОН ВА САРЛАШКАРОНИ ДОВУД ТО АБАД ҲАМЧУН СӢ САРДОР МАЪЛУМ ГАРДИДАНД.
СЕ НАФАР АЗ ОНҲО ЧУН СЕ ПАҲЛАВОН МАЪЛУМ БУДАНД.
АВВАЛИНИ ОНҲО ЮШАЙБ- БАШШАБАТ БУД, КИ ДАР ЯК ДАФЪА ҲАШТСАД НАФАРРО БО НАЙЗААШ КУШТ.
ДУЮМИНИ ОН ПАҲЛАВОНОН ЭЛЪОЗОР БУД, КИ ҲАНГОМЕ БОҚИМОНДАИ ЛАШКАРИ ИСРОИЛ ГУРЕХТ, Ӯ ТАСЛИМ НАШУД.
Ӯ БА ФАЛИШТИЁН ЗАРБА МЕРАСОНИД, ТО ДАМЕ КИ ДАСТАШ ХАСТА ШУД ВА ДАСТАШ БА ШАМШЕР ЧАСПИД. САРБОЗОНИ ИСРОИЛӢ ФАҚАТ БАРОИ ТОРОҶ КАРДАНИ МУРДАҲО БАРГАШТАНД.
СЕЮМӢ ШАММО БУД, КИ ҚИТЪАИ САҲРОИ ПУР АЗ НАСКРО ҲИМОЯ НАМУД ВА ЛАШКАРРО БА ҒАЛАБАИ БУЗУРГЕ РАСОНИД.
АБИШОЙ, БАРОДАРИ ЮОБ, САРДОРИ СЕ НАФАР БУД, АГАРЧИ БА ҚАТОРИ ОНҲО ДОХИЛ НАБУД.
Ӯ НАЙЗААШРО БАР СЕСАД КАС БАРДОШТА, ҲАМААШОНРО КУШТА БУД.






II ПОДШОҲОН 23:8-39


ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР БОЗ БАР ИСРОИЛИЁН АЛАНГА ЗАД, ВА ДОВУДРО БАР ОНҲО БАРАНГЕХТ.
ХУДО НАМЕХОСТ, КИ ИСРОИЛИЁН БА ЛАШКАР ВА ШУМОРАИ ОН УМЕД БАНДАНД, БА ҶОИ ОН КИ БА ХУДОИ ИСРОИЛ УМЕД БАНДАНД. ДОВУД ИНРО МЕДОНИСТ, АММО БО ВУҶУДИ ИН БА ЮОБ ФАРМУД …
ДАР ТАМОМИ ДУВОЗДАҲ СИБТИ ИСРОИЛ ГАРДИШ КАРДА, МАРДОНИ ҚОБИЛИ ҶАНГИДАНРО САРШУМОРӢ НАМО, ТО КИ ШУМОРАИ ОНҲОРО ДОНАМ.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР ШУМОРАИ САРБОЗОНИ ТУРО САД БАРОБАР ЗИЁД КУНАД, ВА ЧАШМОНИ ТУ ИНРО БИНАД – АММО ХОҲИШ МЕКУНАМ, ИН КОРРО НАКУН.
ЮОБ АЗ ОН САБАБ ЧУНИН МЕГУФТ, КИ МЕДОНИСТ: ПАРВАРДИГОР ИНРО МАНЪ КАРДААСТ – ВАЛЕ СУХАНИ ДОВУД БАР СУХАНОНИ ЮОБ ҒОЛИБ ОМАД.
ЮОБ ОН ЧИРО, КИ БА Ӯ ФАРМУДА ШУД, БА ҶО ОВАРД ВА НАЗДИ ДОВУД БО ҲИСОБОТ ОМАДА, ГУФТ, КИ МАРДОНИ ҚОБИЛИ ҶАНГИДАН ДАР ИСРОИЛ 800 000 НАФАР, ВА ДАР ЯҲУДО 500 0 0 НАФАР МЕБОШАНД.
МАН БАҒОЯТ ГУНОҲКОР ШУДАМ, ВА АЛҲОЛ ИЛТИҶО МЕКУНАМ, КИ АЗ ГУНОҲАМ БИГЗАР, ЗЕРО КИ БАҒОЯТ БЕАҚЛОНА РАФТОР КАРДАМ.


СУХАНИ ПАРВАРДИГОР БАР ҶОДИ ПАЙҒАМБАР НОЗИЛ ШУД.
БА ДОВУД ПЕШНИҲОД НАМО, КИ АЗ ИН СЕ ЯКЕРО ИНТИХОБ КУНАД …
ОЁ ҲАФТ СОЛ ХУШКСОЛӢ БАР ЗАМИНИ ТУ БИЁЯД?
Ё СЕ МОҲ АЗ ПЕШИ ДУШМАНОНАТ БИГРЕЗӢ?
Ё КИ СЕ РӮЗ ДАР ЗАМИНИ ТУ ВАБО РӮЙ ДИҲАД?
БЕҲТАР АСТ, КИ БА ДАСТИ ПАРВАРДИГОР БИАФТЕМ... МАРҲАМАТИ Ӯ БУЗУРГ АСТ.
…ВАЛЕ БА ДАСТИ ОДАМИЗОД НААФТЕМ.
ПАРВАРДИГОР ФАРИШТАЕРО ФИРИСТОД, ТО МАРДУМРО БО ВАБО МУБТАЛО КУНАД, ВА ҲАФТОД ҲАЗОР НАФАР МУРДАНД.
ФАРИШТА ДАСТИ ХУДРО БАР УРШАЛИМ ДАРОЗ КАРД, ТО КИ ОНРО БА ҲАЛОКАТ РАСОНАД, АММО ПАРВАРДИГОР ГУФТ…
«БАСАНДА АСТ, АКНУН ДАСТИ ХУДРО БОЗДОР!»




II ПОДШОҲОН 24:16-25


ТАРОНАҲОИ ЗАБУР
АГАРЧИ МО ЗИЁДА АЗ ҲАФТ МУАЛЛИФРО ТАШХИС ДОДА МЕТАВОНЕМ, ТАРОНАҲОИ ЗАБУР БА ХУДО ЧУН МУАЛЛИФ ИШОРА МЕКУНАНД.
АЗ ИН 150 ТАРОНА КАМАШ 73-ТОАШРО ДОВУД НАВИШТААСТ.
МУАЛЛИФОНИ ПАНҶОҲ ТАРОНА МАЪЛУМ НЕСТАНД, АГАРЧИ ЭЗРО ЧУН МУАЛЛИФИ БАЪЗЕИ ОНҲО ЗИКР МЕШАВАД.
ТАРОНАҲО, АЗ ЗАМОНИ МУСО ТО ЗАМОНИ ПАС АЗ АСОРАТ, 900 СОЛИ ТАЪРИХИ ИСРОИЛИЁНРО ДАР БАР МЕГИРАНД.
МАВЗӮИ ДОИМИИ ТАРОНАҲО БА САР БУРДАНИ ҲАЁТИ ҲАҚИҚӢ ДАР ҶАҲОНИ ҲАҚИҚӢ АСТ, КИ ДАР ОН ВОҚЕИЯТИ АМУДИИ РӮҲОНӢ БАР ВОҚЕИЯТИ МУВАҚҚАТИИ УФУҚӢ АФЗАЛИЯТ ДОРАД.
БАЪЗЕ ТАРОНАҲОИ ЗАБУР ИНҲОРО ДАР БАР МЕГИРАНД …
СУРУДҲОИ СИТОИШ …
ДАР ПАРВАРДИГОР, ЭЙ РОСТКОРОН, СУРУДХОНӢ НАМОЕД: ҲАМДУ САНО ГУФТАН РОСТОНРО МЕЗЕБАД.
ХУШО ХАЛҚЕ КИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ВАЙ АСТ, ВА ҚАВМЕ КИ Ӯ ВАЙРО БАРОИ МЕРОСИ ХУД БАРГУЗИДААСТ.



ЗАБУР 33:1, 12




ЗАБУР 44:10; 72:1; 132:1; 133:1


ЗАБУР, БО МУРУРИ ГУЗАШТАН АЗ ШИКОЯТ БА СИТОИШ ВА ШУКРГУЗОРӢ, 21 ИҚТИБОС Ё ИШОРАҲОРО БА МАСЕҲ ДАР БАР МЕГИРАД.
ХУДОИ МАН! ХУДОИ МАН! ЧАРО МАРО ТАРК КАРДАӢ?
ЗАБУР 21:2 - «ХУДОИ МАН! ХУДОИ МАН! ЧАРО МАРО ТАРК КАРДАӢ?»
ЗАБУР 21:15 - «МИСЛИ ОБ ПОШ ХӮРДААМ; ҲАМАИ УСТУХОНҲОЯМ АЗ ҲАМ ҶУДО ШУДААНД; ДИЛАМ ЧУН МУМ ГАРДИДА, ДАР ДАРУНАМ ГУДОХТА ШУДААСТ».
«БА ПАРВАРДИГОР ТАВАККАЛ КАРДА БУД, ӮРО РАҲО КУНАД; АГАР ДИЛХОҲАШ БОШАД, ӮРО НАҶОТ ДИҲАД».
ЗАБУР 21:8-9 – «ҲАР КӢ МАРО БИНАД, МАСХАРА МЕКУНАД; ЛАБ МЕКУШОЯНД, САР МЕҶУНБОНАНД: “БА ПАРВАРДИГОР ТАВАККАЛ КАРДА БУД, ӮРО РАҲО КУНАД; АГАР ДИЛХОҲАШ БОШАД, ӮРО НАҶОТ ДИҲАД”».
ЗАБУР 21:17 - «ЗЕРО КИ САГОН МАРО ИҲОТА КАРДААНД; ТӮДАИ БАДКЕШОН ГИРДИ МАРО ҲАМЧУН ШЕРЕ ГИРИФТА, ДАСТҲО ВА ПОЙҲОЯМРО СӮРОХ КАРДАНД».
ЗАБУР 21:19 – «САРУ ЛИБОСИ МАРО ДАР МИЁНИ ХУД ТАҚСИМ МЕКУНАНД ВА БАР ПЕРОҲАНИ МАН ҚУРЪА МЕПАРТОЯНД».


ТАРОНАИ МАШҲУРТАРИНИ ЗАБУР ТАРОНАИ 22 АСТ, КИ ДАР ОН ДОВУД ОИД БА ВАФОДОРИИ ХУДО БА Ӯ НАҚЛ МЕКУНАД.
«ПАРВАРДИГОР ЧӮПОНИ МАН АСТ: БА ҲЕҶ ЧИЗ МӮҲТОҶ НАХОҲАМ ШУД. ДАР ЧАРОГОҲҲОИ СЕРАЛАФ МАРО МЕХОБОНАД, СӮИ ОБҲОИ РОҲАТАФЗО МАРО МЕБАРАД, ҶОНАМРО ҚУВВАТ МЕБАХШАД…»
«БА ХОТИРИ НОМИ ХУД МАРО БА РОҲҲОИ РОСТКОРӢ РАВОНА МЕКУНАД. ДАР ВОДИИ СОЯИ МАРГ РОҲ РАВАМ ҲАМ, АЗ БАДӢ НАМЕТАРСАМ, ЧУНКИ ТУ БО МАН ҲАСТӢ; АСО ВА ЧӮБДАСТИ ТУ МАРО ДИЛБАРДОРӢ МЕКУНАНД»
«ДАСТАРХОНЕ БАРОИ МАН ПЕШИ НАЗАРИ ДУШМАНОНАМ АНДОХТАЙ».
«БО РАВҒАН САРАМРО МОЛИДАЙ; КОСАИ МАН ЛАБРЕЗ АСТ».
« ПАС, НЕКӮӢ ВА МЕҲРУ ВАФО ТАМОМИ РӮЗҲОИ УМРАМ БО МАН ҲАМРОҲӢ ХОҲАНД КАРД, ВА МАН МУДДАТИ ДУРУ ДАРОЗ ДАР ХОНАИ ПАРВАРДИГОР СОКИН ХОҲАМ БУД».

ЗАБУР 23:1-6








**SUPERBIBLE.TV**